**ВАЗОРАТИ РУШДИ ИҚТИСОД ВА САВДОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

734002, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 78
тел./факс:(+ 992 37) 227-62-08; 221-46-23; www.medt.tj, info@medt.tj

№ 10/3-180 аз 20.03.2025

Вазорату идораҳо
(тибқи рӯйхат)

Вазорати рушди иқтисод ва савдо дар робита ба банди 4 Низомномаи Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 июли соли 2019, №1282 тасдиқ шудааст ва фармоиши вазорат аз 7 феврали соли 2025, №10 «Дар бораи Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба мониторинг ва арзёбии ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ дар соли 2025» гузаронидани ҷаласаи гурӯҳи кориро ба нақша гирифтааст. Дар ҷаласа ҳолати иҷрои ҳуҷҷатҳои банакшагирии стратегии зерин мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд:

- «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», ки аз 3 августи соли 2021, №222 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- «Барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки аз 31 декабри соли 2020, №703 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон);
- «Консепсияи ташкил ва рушди кластерҳои агросаноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040», ки аз 28 октябри соли 2020, №566 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст (масъул Вазорати кишоварзӣ).

Аз Шумо хоҳиш карда мешавад, ки иштироки намояндаи худ (аъзои гурӯҳи корӣ)-ро дар ҷаласаи мазкур рӯзи 28 марти соли 2025, соати 14:00 дар бинои Вазорати рушди иқтисод ва савдо (маҷлисгоҳи ошёнаи 5) таъмин намоед.

Муовини вазир Нуриддинзода А. Н.

Телефон барои тамос: 221-64-08:
Почтаи электронӣ: husniy_m@ mail.ru